# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Усмониён Нигина Солих дар мавзуи “Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии навъҳои соя (лубиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор”барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D060712 - Физиология ва биохимияи растаниҳо**

Зироати соя ё лубиёи чинӣ бо арзишҳои ниҳоят баланди ғизоӣ ва истифодаи мақсадноки он дар истеҳсоли кошоварзӣ ва саноатии гуногунҷабҳа боиси он гардидаанд, ки ин зироати мазкур дар микёси кишоварзии кишварҳои ҷаҳон ба таври васеъ ва густарда парвариш ва омӯхта мешавад. Шурӯъ аз солҳои 70-80-уми асри гузашта дар Тоҷикистон навъҳои аз ҷиҳати пайдоишашон гуногуни соя дар Пажӯҳишгоҳҳои илмии кишоварзӣ омӯхта шуда ва ҳатто чандон навъҳои ватании онҳо минтақавӣ карда шудаанд. Лекин, бо маврид аст қайд кунем, ки ин зироати пурарзиш аз ҷиҳати хусусиятҳои физиологию биохимиявӣ ва бо таъсири танзимкунандагони рушду нумӯъ дар ватанамон ниҳоят кам омӯхташуда ба ҳисоб меравад.

Боиси қаноатмандӣ ва хурсандист, ки диссертатсияи мазкур бевосита ба масоилҳои физиологию биохимиявӣ ва рушду нумӯъи зироати соя бо таъсири танзимкунандагони синтетикӣ ва табиӣ бо таҳқиқу омӯзиши боэътимоди нишондиҳандаҳои ниҳоят муҳими ин соҳаи илми биологи бахшида шудааст. Аз ин рӯ бо назардошти мубрамият, мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои омӯхташуда, дастовардҳои навгонӣ ва аҳамияти амалии ин тадқиқот чунин бармеояд, ки тадқиқоти мазкур дар чорчӯбаи диссертатсия басо саривақтӣ ва пурарзиш буда, барои равшанӣ андохтани ҷабҳаҳои физиологию биохимиявӣ ва таъсири судманди танзимкунандагони рушду нумӯъ ба нишондодҳои физиологию биохимиявӣ ниҳоят донишафзо аст.

Диссертатсия мазкур дар ҳаҷми 138 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, 4-боб, хулоса тавсияҳои амалӣ ва номгӯи адабиётҳои истифодашуда иборат аст. Бар замми он рисола 21 ҷадвал ва 18 расмро дар бар мегирад. Феҳристи адабиётҳои таҳлилшуда аз128 номгӯй, аз он ҷумла 28-тоаш маводҳои хориҷиро дар бар мегирад.

Боби 1-уми диссертатсияи мазкур ба шарҳу маънидодрии адабиётҳои истифодашуда бахшида шуда аз 2-зербоб иборат аст.

Дар зербоби 1.1-ум асосан ба рафту равиши сабзиши соя дар шароити агроиқлимии ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ чукурандешона ва мақсаднок сухан меравад.

Дар зербоби 1.2 бошад диққати асосӣ ба танзимкунандагони рушду нӯмӯъи растанӣ, ҳамчун унсуршаванда барои баланд бардоштани устувории растанӣ ба омилҳои стресси муҳити зист, муфассал равона гардидааст.

Дар боби 2-юм яъне “Мавод ва методҳои таҳқиқот”оид ба объект, шароит ва методҳои таҳқиқот, шароити табиӣ ва агроиқлимии водии Ҳисор, мавкеи ҷуғрофии он дар асоси маълумотҳои метериологӣ дар

солҳои таҳқиқоту омӯзиш (2020-2023) ва ҷиҳатҳои ҷолиби диққату андешаи оң ба таври таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар зербоби 2.3 бошад, оид ба типи хок, сохтори он ва қабати хоки қитъаи таҷрибавӣ маълумотҳои дақиқу муфид гирдоварӣ карда шудаанд.

Дар зербоби навбатӣ бошад, оид ба тавсифи ботаникӣ, маркази пайдоиш ва гуногунии биогеографии зироати соя бо назардошти давраҳои рушду инкишоф ва хусусиятҳои хосу ибратбахши он бо назокати хоса сухан меравад. Инчунин, бомаврид аст қайд кунем, ки дар ин боби мазкур диссертант бо шавқу завқи зиёд, оид ба мавод-танзимкунандагони рушди растанӣ ва имкониятҳои самаранокона истифода бурдани онҳо дар истеҳсолоти кишоварзӣ ва агротехникаи ба талабот ҷавобгӯи зироати соя дар майдончаҳои омӯзишӣ дақиккорона ва босуботона маълумотҳои барои рушди илм муваффақро пешниҳод мекунад, ки шоистаи таҳсин аст.

Боби 3-юми диссертатсияи мазкур калонтарин ва асоситарин натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкурро дар бар гирифта, дар он оид ба таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ бо танзимкунандагони рушди синтетикию табиӣ, ки дорои хосияти биостимуляторӣ мебошанд, ба нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявии се навъи соя (Ситора, Орзу, Дарнитса) таҳқиқотҳои илмии пурарзиш гузаронида шудаанд, ки аз ҷаҳонбинии пурсамари илмӣ ва дақиккории диссертант шаҳодат медиҳад.

Дар боби 4-уми диссертатсияи мазкур ба таври мушаххас ва назаррас натиҷаҳои аз ҷиҳати илмӣ пурарзиши таҳқиқоти мазкур гирд оварда шудааст. Дар ин боб ба таври озмоишӣ таъсири танзимкунандагони рушду нумӯъ ба нишондодҳои муҳими физиологию биохимиявии зироати соя, сифати биохимиявии дон, қадкашии поя, дарозии реша, миқдори кӯсак ва дон дар он ба 1 растанӣ ва ҳосилнокӣ тобиш ва ҷилои илмиро касб кардаанд.

Ба таври аёнӣ нишон дода шудааст, ки танзимкунандагони синтетикии истифодашуда хусусияти фаъолнокии худро бештар чун фитогормонҳо дар консентратсияи пасташон (0,001 ва 0,01%) ва дар давраҳои гуногуни инкишофи зироати таҳқиқшаванда ифшои роз мекунанд. Чунончӣ, дар давраи кӯсакбандӣ, ҳангоми пеш аз кишт коркард шудани тухмӣ бо Препарати-1 ($CuC_2H_{11}N_5S_2O_5$) миқдори барг ва масоҳати сатҳи он нисбат ба варианти назоратӣ (яъне муҳити обӣ) ба миқдори 51% зиёд гардид. Ё ин ки дар варианти коркард бо танзимкунандагони рушд бо истифодаи Препарати-2 ($CuC_4H_{14}N_8S_3O_5$) масоҳати барг аз 4,4 то 31,6% нисбат ба варианти назоратӣ афзоиш ёфт. Инчунин нишон дода шудааст, ки дар давраи аввали нашъунамои навъҳои омӯхташудаи соя маҳсулнокии тозаи фотосинтез (МТФ) дар вариантҳои коркард шудани тухмӣ, пеш аз кишт бо Препарати-1($CuC_2H_{11}N_5S_2O_5$) дар соли 2020 ба ҳадди максималӣ расида, ба 5,2 г/м² х шабонарӯзро ташкил намуд, хуллас, ба таври умум маҳсулнокии тозаи

фотосинтез дар вариантҳои дигари таҳқиқотӣ аз варианти назоратӣ ба ҳисоби миёна 4,0 % зиёд буд.

Ҳамин тавр, тағйирёбии қисман назарраси афзоиши қувваи сабзиш ва энергияи сабзиши тухмии навъҳои соя дар варианти истифодаи Препарати-1 ($CuC_2H_{11}N_5S_2O_5$) ба қайд гирифта шудааст, ки зиёдшавии он 10-15%-ро ташкил медиҳад. Бар замми ин, мебояд қайд кард, ки дар баробари зиёдшавии ҳосили дон дар вариантҳое, ки танзимкунандагони рушди растанӣ истифода шудааст, сифати дони онҳо низ беҳтар гардидааст.

Масалан, бо таъсири Препарати-2 ($CuC_4H_{14}N_8S_3O_5$) миқдори равғанокии дон нисбат ба варианти назоратӣ 56 кг/га афзоиш ёфта, баромади сафеда бошад бо истифодаи ин Препарати-2($CuC_4H_{14}N_8S_3O_5$) 95,0 кг/га бештар буд, нисбат ба варианти назоратӣ.

Дар охир, натиҷаи таҷрибаҳои саҳроию озмоишӣ ба назари эътибор гирифта, барои дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҳангоми парвариши навъҳои соя барои коркарди тухмӣ пеш аз кишту кор бо регулятор Препарати-1($CuC_2H_{11}N_5S_2O_5$) ва Препарати-2 ($CuC_4H_{14}N_8S_3O_5$)-ро диссертант тавсия медиҳад.

Ҷолиби қайд аст, ки диссертатсия мазкур ба душвориҳои истилоҳӣ-луғавӣ нигоҳ накарда ба забони хубу фасеҳи тоҷикӣ навишта шудааст, ки шоистаи ифтихор аст.

Бахусус мебояд қайд кард, ки мақолаҳои дар нашрияҳои муътамад чопшуда ва автореферат диссертатсия мазкурро ба пуррагӣ инъикос мекунанд ва натиҷаҳои амалии озмоишӣ бо методҳои биометрӣ дақик коркард карда шудаанд, ки ин қурбу қимати натиҷаҳои ҳисобии ба даст оварда шударо баланд мекунад.

Дар баробари ҷиҳатҳои пурарзишу пурбарори натиҷаҳои ба даст овардашуда, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва хатогиҳои техникӣ ҷой доранд ва мебояд онҳоро ислоҳ кард.

1. Хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ;
2. Дар баъзе расмҳои пешниҳодшуда мисол рақами 1,2 ва 3 гузошта шудааст, вале онҳо чиро ифода мекунанд дар расмҳо қайд нагардидааст;
3. Рақами баъзе ҷадвалҳо ду бор такрор шудаанд, ки онро мебояд ислоҳ кард;
4. Хулосаҳоро бояд ба таври, ки лозим аст мушаххастар, пешниҳод кардан лозим аст.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии дисертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба мӯҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Усмониён Нигина Солиҳ дар мавзуи "Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии навъҳои соя (лубиёи чинӣ) дар шароити водии

Ҳисор"барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D060712 - Физиология ва биохимияи растаниҳо пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D060712 - Физиология ва биохимияи растаниҳо мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Ходими пешбари Озмоишгоҳи
"Бехатарии биология"-и Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растании АМИТ
доктори илмҳои биологӣ аз
рӯйи ихтисоси 03.01.05 - Физиология
ва биохимияи растаниҳо Нигмонов М

**Суроға:** 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, кучаи Карамова 27,
**Тел: (+992) 98-902-01-66**

Имзои Нигмонов М.
тасдиқ менамоям:
Нозири калони шуъбаи кадрҳо оид ба корҳои махсуси
Институти ботаника, физиология
ва генетикаи растании АМИТ Умарова Н.С.

ЗАВЕРЯЮ
Ст. инспектор ОК
„07" 09.2026 г.

**Суроғаи муассиса:**
734029, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, кучаи С.Айни, 267,
Институти ботаника, физиология ва
генетикаи растании АМИТ
Тел: (+992) (992 372) 224-71-88, 225-80-54
E-mail: ibfgr.@bk.ru, www.ibfgr.tj

"07" 09 соли 2026.